*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №21 (2848) | СЕШАНБЕ, 21 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|

## Сарвари давлат таъин ва пардохти саривақтии нафақаро вазифаи хеле муҳим мешуморад

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 16 феврали соли 2012 доир ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла таъмини саривақтии нафақа машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат рафти иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъмини эътидол дар Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, омӯзиши низоми таъини нафақаҳои маъюбӣ ва пардохти саривақтии нафақа баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки таъмини адолати иҷтимоӣ дар ин соҳа аз вазифаҳои бисёр муҳим ба шумор меравад.

Ба масъулини дахлдор дастур дода шуд, ки вазъи ин соҳаро мавриди санҷишу омӯзиш қарор диҳанд ва барои ислоҳи ҳолатҳои номатлуб чораҳои мушаххас андешида, ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд.

***www.prezident.tj***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**20 феврали соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А. Азимов масъалаи нахустини рӯзнома - «Оид ба тасдиқи Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон» - ро тавзеҳ дод.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба баррасии ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардидани масъалаи мазкур қарор қабул кард.

Масъалаҳои дигари рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» -ро мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов ҷиҳати баррасӣ пешниҳод намуд.

Мутобиқи муқаррароти қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои номбурда барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Ҳамгиройӣ - омили муҳими тавсеаи фаъолият

Ба ҳукми анъана даромадааст, ки ҳамасола, моҳи феврал, аъзои Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ ва мутахассисони соҳа дурнамои фаъолиятро баррасӣ мекунанд. Санаи 16 феврал чунин ҷаласа баргузор гашт. Роҳбари комиссияи мазкур Рустам Латипов мақсад аз баргузории вохӯриро ба роҳ мондан ва таҳким бахшидани муносибатҳои дуҷонибаи ҳамкорӣ байни Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятӣ арзёбӣ намуда, ҳамзамон афзуд, ки комиссияи мазкур чун анъана фаъолияти худро дар аввали сол аз вохӯрӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ оғоз менамояд. Чунин вохӯриҳо, бешубҳа, ба рушди қонунгузории соҳа ва анҷом додани амалҳои муштарак дар масъалаҳои барои мардуми кишвар ҳаётан муҳим, аз ҷумла сохтмони НБО-и «Роғун» ва дигар лоиҳаҳои тақдирсоз истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ғайра мусоидат хоҳад кард.

Бино ба гуфти номбурда, масъалаҳои обию энергетикӣ дар робита бо такмили қонунгузории соҳа, бо назардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, масъалаҳои меҳварӣ дар фаъолияти комиссияи мазкур мебошанд.

Чанде пеш бо пешниҳоди комиссияи мазкур Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ташкили сомонаи алоҳидаи интернетии он ва озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология қарори дахлдор қабул намуд.

Мақсади асосии ин иқдом дастрасии бетаъхир ба рӯйдодҳои экологии ҷаҳон, вокуниши саривақтӣ ба ақидаҳои мухолиф, ҷалби бештари рӯзноманигорон, олимону коршиносон, доираи васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инъикоси мавқеъ ва сиёсати экологии давлат мебошад.

-Муҳити зист сарҳадро намепазирад, - мегӯяд Рустам Баротович. -Имрӯз таъсири байнисарҳадии давлатҳо ба ҳамдигар, аз ҷумла мушкилоти истифодабарии об, мавзӯйи мубрами рӯз гаштааст. Ҳарчанд захираҳои об дар табиат барқароршавандаанд, ҳаҷми он дар як андозаи муайян аст. Афзудани шумораи аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт талабот ба обро дар ҷаҳон бештар намудааст.

Дар шароити нави муносибатҳои иқтисодӣ ба моҳияти захираҳои об ва иншооти бузурги гидротехникии комплексҳои хоҷагии об, ки нигоҳдории онҳо пештар аз буҷети давлати собиқ Шӯравӣ маблағгузорӣ мегашт, аз диди нав бояд назар кард.

Бинобар ин, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омӯзиши ҳолат ва муайян кардани паҳлӯҳои иқтисодии далелҳои зикршуда дастурҳо додааст.

Барои гирифтани пеши роҳи интишори ҳар гуна маълумоти ғаразнок зарур аст, ки системаи мониторинги муҳити зист барқарор ва бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шавад. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввал барои дастрас намудани ду лабораторияи сайёр ва таҷдиди лавозимоти ташхисии лабораторияҳои худ чора андешида истодааст.

Ин тадбирҳо ногузиранд, чунки бо тавсеа ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ, дохил шудан ба созишномаҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Конвенсияҳо оид ба муҳити зист зарурати ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар системаи қонунгузории ҷумҳурӣ ба миён овардааст.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви комиссияи зикршуда Махфират Хидирова низ вобаста ба фаъолияти комиссия андешаронӣ намуда, минҷумла зикр кард, ки ташкилотҳои ҷамъиятии экологӣ ҳамчун ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварҳои гуногун ва умуман ҷаҳони мутамаддин, мавқеи хосро ишғол намуда, бевосита дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ иштирок мекунанд ва ё таъсири худро ба онҳо мерасонанд. Албатта, ин як раванди муқаррарӣ дар ҷаҳони имрӯза эътироф шудааст. Имрӯз зери таъсири равандҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва кӯшишҳои геополитикии кишварҳои гуногун масъалаҳои экологӣ ба осонӣ симои сиёсӣ ба худ қабул намудаанд, ки зиндагии осуда ва ҳамзистии осоиштаро дар минтақа ва ҷаҳон мушкил мегардонад. Кам нестанд ҳолатҳое, ки маҳз ташкилотҳои ҷамъиятии экологӣ василаи асосии иҷрои «супоришҳои сиёсии» сиёсатмадорон гаштаанд. Ин ҳолат, албатта, боиси таассуф ва нигаронист, зеро ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ онҳо қодиранд дар ҳалли масъалаҳои мавҷуда бо роҳи осоишта ва ҳамдигарфаҳмӣ саҳми муносиб дошта бошанд.

Аъзои комиссия, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саиди Ёқубзод ва Галия Рабиева низ фаъолияти ин ниҳодро мавриди баррасӣ қарор дода, пешниҳодоташонро роҷеъ ба тавсеаи фаъолияти комиссия иброз намуданд.

Дар ҷаласа ҳамчунин намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ Қ. Партоев, А. Камолиддинов, Қ. Кабутов, У. Солиев ва дигарон андешаронӣ намуда, омодагиашонро ҷиҳати вусъат бахшидани раванди ҳамкориҳо бо Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор карданд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## Баррасии ҳамкориҳо бо Хазинаи Байналмилалии Асъор

– Масъалаи рушди иқтисоди миллӣ дар соли 2011 ва дурнамо барои соли 2012 дар ҷараёни мулоқоти вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Раҳимзода бо роҳбари ҳайати расмии Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) дар Тоҷикистон Тодд Шнайдер ва намояндаи доимии ХБА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ари Айзен мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Аз Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба мухбири АМИТ «Ховар» иттилоъ доданд, ки зимни вохӯрӣ ҷонибҳо инчунин атрофи масъалаҳои ҷорӣ ва дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд баҳри рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ибрози назар намуданд.

● Мусоҳибаи мо

## Диёри беназир ва ватани нахустодамон



**Ховалинг ноҳияест дилфиребу беназир. Ин мавзеи хушобу ҳаво соҳиби бойигариҳои зиёди таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва сарватҳои зеризаминӣ, ба амсоли тиллову нуқра аст. Оламиён Ховалингро бо манзараҳои дилфиреб, рӯду дарёчаҳои шӯх ва чашмасорони ширину мусаффояш шинохтаанд.**

**Бостоншиносон ин гӯшаи воқеан ҳам биҳиштосоро, ки ҳамасола аз деҳаи Кулдара ва атрофи он нишонаҳои фаровони одамони ҷомеаи ибтидоӣ, яъне асри сангро, пайдо менамоянд, ватани нахустодамони Осиёи Марказӣ қаламдод мекунанд.**

**Мухбирамон бо раиси ноҳияи Ховалинг Қодир Валиев вохӯрда, бо ӯ дар атрофи як қатор масъалаҳои вобаста ба вазъи рӯз сӯҳбат намуд.**

**-Мӯҳтарам раис, мувофиқи матлаб мебуд, агар дар ибтидои сӯҳбат аз хоку об, табиати воқеан ҳам биҳиштосо ва сатҳи зиндагии мардуми ин гӯшаи кӯҳистони ватани азизамон, андешаҳои хешро манзури хонандагони рӯзнома мекардед.**

- Ватан, сарфи назар аз чигунагии хоку обу муҳиташ, на ин ки барои одамон, ҳатто барои ҳамаи махлуқоти рӯйи замин низ азизу муқаддас маҳсуб меёбад. Ин ҷо бидуни эҳсосу муболиға гуфтаниам, ки мавзеи Ховалинг бо табиати зебою рангин, сарватҳои гаронбаҳои зеризаминӣ кайҳо боз диққати оламиёнро ба худ кашидааст. Агар мушаххастар гӯем, Ховалинг, ин диёри беназир, воқеан ҳам ватани нахустодамони Осиёи Марказӣ мебошад. Ин баҳои имрӯзаи раиси ноҳияи Ховалинг нест, балки андешаҳои табиатшиносону таърихдонҳои маъруфи мамолики ғарбу шарқ дар асоси далелҳои шайъӣ аст. Тирамоҳи гузашта, тақрибан миёнаҳои моҳи сентябр, як гурӯҳ олимони Донишгоҳи Гумболди Олмон дар ҳайати доктори илм Иохим Шеффер, профессор Хилмар Шредер, ходимони илмӣ Саид Мӯҳсин Мир Муҳаммад Макӣ, Ян Ленчк ва бостоншиноси тоҷикистонӣ Пётр Сосин ба Ховалинг омада, ба қабатҳои хок, истиқоматгоҳҳои одамони ҷамоаи ибтидоӣ, бойигариҳои таърихӣ, табиӣ ва фарҳангии ин диёри пурғановат аз наздик ошно шуданд. Онҳо дар сӯҳбат арз намуданд, ки Ховалинг як гӯшаи пурғановату зебои олам аст. Ин сифатро дар ҷаҳон, бахусус дар он донишгоҳе, ки мо дар он кору фаъолият мекунем, хуб медонанд. Он гуна қабатҳои хоке, ки дар Ховалинг аст, дар ягон гӯшаи олам мавҷуд нест. Ҳар қабати хок аз зиндагии нахустодамон башорат медиҳад. Ба қавли Пётр Сосин, ки ӯ аз соли 1979 бо шодравон В.Ранов дар мавзеи деҳоти Лоҳутӣ машғул ба кори ҷустуҷӯйию тадқиқотии замони полиолитӣ мебошад, 48 қабат хоки ин мавзеъ муайян гаштааст, ки дар қабатҳои 11 ва 12 он нишонаҳои зиндагии миллионсолаи одамон ёфт шудаанд.

**-Бале, алҳол Ховалинг дар ҳудуди имрӯзаи кишварамон ягона мавзее мебошад, ки аз зиндагии нахустодамон ё худ аз ҳаёти асри санг шаҳодат медиҳад. Ин ҷо танҳо як ифтихор кам аст, ин бойигариҳои таърихию фарҳангиро самараноку оқилона истифода намудан, вазифаи мо, имрӯзиён аст. Хуб дар хотир мондааст, ки Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ташриф ба ноҳия, дар таърихи 9 августи соли 2011 вақти мулоқот бо сокинони ноҳия, зери ҳамон чилчанорҳои овозадор, таъкид намуда буд: «…хотирнишон месозам, ки обод нигоҳ доштани онҳо, ҷалби сайёҳон ва ташкили инфраструктураи муосир барои рушди сайёҳӣ яке аз роҳҳои ба ҷойи корӣ таъмин гардидани сокинони ноҳия, инчунин манбаи даромади хуб мебошад». Хуллас, ин ҷо бармегардем аз «сайри» асри санг ба имрӯз, яъне ба асри XXI.**

-Ҷанобӣ Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар давоми соли гузашта ду маротиба ба Ховалинг сафари корӣ дошт ва воқеан ҳам ин эрод бисёр бамаврид ва талаби рӯз аст. Имрӯз дар ноҳия 55 ёдгории таърихиву фарҳангӣ, аз ҷумла шаҳри Мунки қадим, зиёратгоҳи маъруфи Султон Увайси Қаранӣ, Боғ-осорхонаи таърихии шӯриши Восеъ, ҳамон бошишгоҳҳои алҳол зикрёфтаи асри санги деҳаҳои Хонақо ва Кулдара, маъбади буддои Чепол ва Сангтӯда мавҷуд мебошад, ки ёдгориҳои таърихии зикршуда, дар навбати аввал шаҳодати равшани таърихи хеле қадими миллатамон маҳсуб меёбад.

(Идома дар саҳ. 2)

## Мулоқоти Олим Салимзода бо дипломатҳои хориҷӣ



Суратгир Т. РӮЗИЕВ

**Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Олим Салимзода Сафири Ҷумҳурии Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ироюки Имохаширо бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфт.**

Тавре аз хадамоти матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, дар мулоқот масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои дуҷониба дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла равобити байнипарлумонӣ баррасӣ шуданд.

Раиси Кумита дар ҷараёни сӯҳбат иттилоъ дод, ки раванди муносиботи ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ҷопон дар сатҳу сифати олӣ қарор дорад ва ба роҳ мондани чунин ҳамкориҳо байни кишварҳоямон барои муаррифии фарҳангу тамаддун ва расму оини байниҳамдигарӣ кӯмак хоҳад кард.

Олим Салимзода таъкид дошт, ки роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон сиёсати дарҳои бозро ихтиёр кардааст, яъне кишвари мо хоҳони густариши ҳамкорӣ бо тамоми давлатҳо ва созмонҳои ҷаҳонӣ мебошад. Ба ин хотир Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои амалӣ шудани ин сиёсати дурандешонаи Сарвари давлат заминаи қонуниро фароҳам овардааст, ки чунин шароити мусоид метавонад риштаи ҳамкорӣ ва дӯстиро бо тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Ҷопон боз ҳам тақвият бахшад.

Сафири Ҷумҳурии Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ сатҳи муносиботи кишвараш бо ҷумҳурии моро мусбӣ арзёбӣ намуда, ибрози омодагӣ кард, ки ҳамчун сафир аз тамоми имконот ҷиҳати тақвияти ин равобит истифода хоҳад кард.

***

Олим Салимзода ҳамчунин бо намояндаи Агентии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷаноби Энн Хоппер ва ҳайати ҳамроҳи ӯ мулоқот намуд, ки дар ҷараёни он масъалаи густариши ҳамкориҳои Маҷлиси намояндагон бо ин созмони бонуфузи амрикоӣ баррасӣ шуд.

Дар мулоқот вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Галия Рабиева низ иштирок дошт.

# Диёри беназир ва ватани нахустодамон

(Идома аз саҳ. 1)

Алҳол Мамнӯъгоҳи Султон Увайси Қаранӣ бо дастгирии як гурӯҳ ашхоси саховатпеша ва Ҳукумати кишвар хеле ободу диданибоб гаштааст. Ҳар рӯз садҳо ихлосмандон аз дуру наздики кишвар ба ин зиёратгоҳ қадам ранҷа мекунанд ва дар баробари зиёрат аз обу ҳавои ин мавзеи зебову дилкаш баҳра мебардоранд. Хуллас, Ховалинг барои рушди соҳаи туризм имконият ва захираҳои фаровон дорад. Мо ҳам мақсад дорем, ки барои бунёд ва тараққӣ додани ин соҳаи фоидаовар бештар талош намоем.

**- Солҳои ҳаштод айёми рушду нумӯи ноҳияи Ховалинг мансуб дониста мешавад. Дар ин давра иттиҳодияи истеҳсолии чорвопарварӣ ташкил ёфт, ки дар он беш аз 50 ҳазор сар чорвои гӯштӣ парвариш меёфт ва дар миқёси шӯравӣ беназир буд. Имрӯз аз он иттиҳодияи бузург чӣ нишоне боқӣ мондааст?**

-Хушбахтона, аксари иншооти муосири маданию маърифатӣ ва истеҳсолӣ, ки имрӯз дар ноҳия арзи вуҷуд доранд, самараи фаъолияти ҳамон иттиҳодияи азим бо сарварии Петрови ховалингдӯст буд. Аммо сад афсӯс, ки бо иллати нобасомониҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва замони ноороми ҳо қисмати зиёди иншооти бузурги истеҳсолӣ, аз қабили майдонҳои калони чорвопарварӣ, шабакаҳои обтаъминкунӣ, зеристгоҳҳои барқӣ ва ғайра ба куллӣ тороҷу валангор шуданд. Акнун мо, бо назардошти кӯмаку дастгирии мардуми ба ору номуси ноҳия, назди худ мақсаду маром гузоштаем, ки он шӯҳрати қаблии Ховалингро дигарбора баркарор намоем. Барои расидан ба ин мақсад ҳама шароиту имконият басанда аст. Танҳо мардуми ноҳияро то ба поёни ин роҳи нек расидан, талқину раҳнамоии дуруст намудан лозим меояду бас.

Ростқавлӣ аз зумраи одатҳои неки мардуми диёр маҳсуб меёбад. Бидуни он дар Ховалинг фаъолият кардан бисёр маҳолу аз имкон дур аст. Ин сифат як ҳақиқати воқеии бебаҳсу мунозира мебошад. Дар Ховалинг дорандагони ин одатро дӯсту азиз ва бисёр гиромӣ медоранд.

**- Худи Шӯриши Восеъ шаҳодати равшани ҳамин гуфтаҳост...**

-Бале, воқеан ҳам сабабҳои сар задани шӯриш низ маҳз беқавлии замонадорон буд. Ҳамаи он дастовардҳоеро, ки имрӯз мо ховалингиҳо ба он шарафёб гаштаем, маҳз натиҷаи риояи ҳамин одати наҷиб ва сиёсати дурандешонаю бунёдкоронаи Ҳукумати кишвар мебошад. Ҳамкориву ҳамдастӣ бо мардум ба мо имкон дод, ки фаъолияти бунёдкоронаамон самараи неку дилхоҳ диҳад. Тавре мебинем, дар ҳама самтҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Натиҷаи ҳамин дигаргуниҳо буд, ки ноҳия тайи ду сол охир пайи ҳам ғолиби озмуни «Беҳтаринҳои хоҷагии халқи вилоят» гашта, ба такрор миёни 25 шаҳру навоҳии вилоят сазовори ҷойи сеюм мегардад. Мукофоти ин зинаи озмун, ки аз 10 ҳазор сомонӣ иборат аст, мо онро барои ҳавасмандгардонии собиқадорони ҷангу меҳнат, бепарасторон ва ба онҳое, ки дар ин ғалаба саҳми бештар гузоштанд, сарфу харҷ намудем.

Дар сурати баҳои мардум шояд ин нишон ва гувоҳи он аст, ки ман дар қавлу мавқеи додаи худ устувор истодаам. Шогирди Ҳабибулло Табаров гуфтани ҳамдиёронам, яқин ба он асос аст, ки ман ҳам мисли он марди меҳнатдӯсти соҳибэҳтиром аз пӯшидани мӯзаю дар навбати аввал ба даст гирифтани белу каланд заррае ор накардаам ва намекунам. Ман ифтихор мекунам, ки Сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳузури он мардуме, ки рӯзи нахусти ба кор шурӯъ кардан, наздаш садоқати бунёдкорию созандагӣ ёд кардаам, маро шогирди хеш ном бурд. Ин баҳои баланди Президент шахсан маро водор намуд, ки якҷоя бо 50 ҳазор сокини ноҳия, камари нангу номусро баҳри рушди ин гӯшаи воқеан ҳам биҳиштосою кӯҳанбунёди кишвар, боз ҳам мустаҳкам бандем. Ба шарофати ду сафари Сарвари давлат, дар таърихи 9-уми август ва 15-уми октябри соли 2011 ба ноҳия, се мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей-интернат барои 300 нафар хонанда, таъмири асосии мактаби таҳсилоти умумӣ, таъмири беморхонаи деҳаи Сиёҳфарк, коргоҳи заргарӣ, корхонаи коркарди гиёҳҳои шифобахш, корхонаи дӯзандагӣ, азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ баровардани роҳи Кӯлоб-Ховалинг, Ховалинг-Балҷувон ва бо об таъмин намудани майдони 400 гектар замин, ба нақшаи соли ҷории вазорату кумитаҳо дохил гардид.

**-Агар чунин бошад, пас биёед бештар атрофи далелҳои воқеӣ сухан ронем. Мушаххастар мегуфтед, ки он чор таълимгоҳи зикршуда, дар кадом деҳаҳо бунёд мешаванд?**

-Мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар деҳаҳои Шехон, Сангдара, Зелолак ва литсей-интернат дар деҳаи Шукноб бунёд меёбанд.

Агар ба рақамҳо рӯ биёрем, хеле фараҳбахшанд. Масалан, дар давоми соли 2011 ба буҷети маҳаллии ноҳия 7 152 415 сомонӣ ворид гардид, ки ин ба 182 фоизи нақша баробар аст. Ин нишондод худ гувоҳи он аст, ки таъмини нақшаҳои андоз, кам кардани бақияпулиҳои он ва фаъолияти самараноку шаффофи андозсупорандагон пайваста зери назорати доимии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия мебошад.

Дар тӯли сол маблағгузорӣ ба соҳаи сохтмон аз ҳамаи манбаъҳо 3 947 200 сомониро ташкил намуд, ки ин нишондод нисбат ба соли қаблӣ як баробар зиёд мебошад. Дар кори азхудкунии маблағҳои ҷудогардида саҳми корхонаҳои сохтмонӣ, аз қабили КСМ-24, «Нигини Сулаймон», «Зоир», «Бозоргон», «Лишиён» ва «Обшорон» қобили зикр аст. Аз ҷониби ташкилотҳои номбурда ва дигар ашхос дар ин давра сохтмони 7 мактаби ибтидоӣ ва миёнаи таҳсилоти умумӣ, 5 маркази саломатӣ ва бунгоҳи тиббӣ, хонаи 12-хуҷрадор, 4 толори варзишӣ, қасри фарҳанг барои 500 ҷойи нишаст, бинои маъмурии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва Ҷамоати деҳоти Ховалинг, бо оби нӯшокӣ таъмин намудани 6 маҳаллаи аҳолинишин ва ғайра пурра ба анҷом расонида шуд.

**-Вазъи саноат дар кадом поя қарор дорад?**

-Соҳаи саноат ҳам ба андозае пешрав гардид. Дар як муддати кӯтоҳи Иттиҳодияи худфаъоли «Заршӯён», Корхонаи хурди заршӯйии «Союззар», «Ганҷ», «Абдулазиз», сехҳои коркарди шир ва меваю сабзавот ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки беш аз 100 нафарро ба ҷойи кор таъмин карданд. Корхонаи махсуси (казонии) давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои тоҷик» ба техникаи пуриқтидору дигар таҷҳизоти муосири заршӯйӣ муҷаҳҳаз гардид. Фаъолияти корхонаҳои хусусии «Одина», «Артели Помир» оид ба истеҳсоли маҳсулот хеле беҳтар шуд. Ин тадбирҳо имкон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 110 917,7 ҳазор сомонӣ расонида шавад, ки нисбат ба як соли пеш 29 890 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

**- Ховалингро инчунин тавассути як зумра фарзандони соҳибэҳтирому барӯмандаш ҳам мешиносанду эҳтиром мекунанд. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки мардуми Ховалинг ҳам, дар навбати худ ба ин фарзандони номбардору шарафмандаш басо ифтихор мекунанд ва нисбати онҳо ҳамеша арҷгузорӣ менамоянд. Чунончӣ, ду сол пеш 110- солагии Сайдалӣ Вализода ва соли гузашта 65 -солагии шодравон Ҳабибулло Файзулло дар сатҳи ниҳоят баланд истиқбол гирифта шуд. Бо шарофати ин чорабиниҳо меҳмонҳои зиёде ба Ховалинг омада, аз обу ҳавои ҷонбахши он баҳра бардоштанд. Соли равон Сайдаҳмад Каримов аввалин тоҷике, ки корнамоиҳои ҷангиаш бо ордени «Суворов» қадр карда шудааст, 100- сола мешавад.**

- Матлаби шуморо фаҳмидам. Дар замони шӯравӣ вобаста ба шаҳидони ин ҷанги хунумонсӯз ва ҳамяроқони онҳо бисёр як шиори хуби даъваткунандаи «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад» сари ҳар қадам садо медод. Сайдаҳмад Каримов нангу ифтихори мост, фаромӯш кардани корнамоиҳои ин сарбози он ҷанги мудҳиш гуноҳ аст. Ӯ Қаҳрамони СССР оид ба шамшерзанӣ (1947), Корманди хизматнишондодаи маданияти РСС Тоҷикистон (1980) ва шоири халқ буд. Се маротиба барои гирифтани унвонии олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ пешниҳод гардида буд, аммо бо сабабҳои номаълум гирифтани ин унвон барои ӯ муяссар нагардид. Аслан мардум то поёни умраш ин марди шуҷоъро бо исми Каримқаҳрамон мешиностанду эҳтиром мекарданд. Алҳол хоҷагии ҷангал номи Сайдаҳмад Каримовро дорад.

**- Саҳми занҳо дар рушди ноҳия дар кадом сатҳ аст?**

- Дар ноҳия соҳае нест, ки дар он занон- модарон фаъолият накунанд. Модарону хоҳарони мо имрӯз дар соҳаҳои тандурустию маориф, деҳқонию боғдорӣ ва чорводорию занбӯриасалпарварӣ аз худ ибрати намунавӣ нишон медиҳанд.

Худованд дар каломи осмонии худ-Қуръони маҷид ҳурмату эҳтироми занон ва ба онҳо ба некӣ рафтор намуданро аз ҷумлаи воҷиботи ҳар як мусулмон фармудааст. Мардуми Ховалинг 1300 сол боз эҳтирому иззати Занмодарро бо амалҳои Султон Увайси Қаранӣ, оне, ки дар зиндагӣ дараҷаи эҳтироми модари пири хешро ба таври такрорнашаванда адо намуда буд, пайравӣ мекунанд. Мо имрӯз ҳам аз саҳми он занҳое, ки дар ободӣ ва рушди ноҳия аз худ нақши неке гузоштаанд, ба амсоли Ниҳолбӣ Каримова, Алоҳида Давлатова, Зебогул Ҳакимова, Бозоргул Наимова, Барфимоҳ Ёрмаҳмадова, Латифамоҳ Ёрова, Идимоҳ Зоирова, Моҳшариф Дурмонова, Бибисоро Муродова ва боз ба ҳамин монандҳо бо хушнудию эҳтироми дучанд ёд мекунем.

**- Аз эҳтироми Зан-модар ва нақши онҳо дар тарбияи фарзандони солеҳ сухан гуфта, мехостам дар ин лаҳза аз вазъи таълиму тарбияи фарзандон дар муассисаҳои таълимӣ чанд сухани дигаре мегуфтед.**

- Маорифчиёни ноҳия дар доираи омодагиҳо ба бистумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон кори зиёде дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонида, натиҷаҳои дилхоҳро шарафёб гардиданд. Самараи ҳамин тадбирҳои муфид буд, ки хатмкунандагони мактабҳои ноҳия дар Олимпиадаи ҷумҳуриявии хонандагон фаъолона иштирок намуда, як нафар медали тилло, нафари дуюм медали нуқра ва се нафари дигар медали биринҷиро соҳиб гардиданд.

Сафи омӯзгорони соҳибихтисос аз ҳисоби хатмкунандагони олии кишвар пайваста зиёд мешавад. Тӯли ду соли охир ба муассисаҳои таълимии ноҳия 60 нафар омӯзгорони ҷавон ба кор омаданд, ки аз ҳамаи имтиёзҳо бархӯрдор ҳастанд.

**- Наврӯзи имсола дар сатҳи байналмилалӣ истиқбол гирифта мешавад. Омодагиҳо дар ноҳия ба ин ҷашни ниёгон чӣ гуна аст?**

- Замоне, ки Наврӯз аз назари замондорон дуру камаҳамият буд, шоири ғӯрамарг Ҳабибулло Файзулло дар як шеъраш чунин гуфта буд:

*Боз дар гӯшаи порисаи боми падарӣ,*
*Лола мерӯяду қумрӣ ба наво меояд.*
*Лона монанд зи нав достакони сафарӣ,*
*Иди Наврӯз ҳама хонаи мо меояд.*

Бале, Наврӯзи байналмилалӣ имсол дар Тоҷикистони азизи мо бо иштироки меҳмонони зиёди кишварҳои дуру наздик истиқбол гирифта мешавад. Наврӯз иди меҳнату баҳор аст. Наврӯз бунёдкорию созандагӣ аст. Ба ин хотир мо дар доираи омодагиҳо ба иди Наврӯз нақшаву чорабиниҳои зиёде рӯйи даст дорем, ки алҳол мавриди иҷро қарор доранд. Ба қавли шоири ховалингӣ Яъқуби Ҳикматулло:

*Аё, эй Ховалингам, хушбаҳорӣ,*
*Саросар гулъузору гулбаҳорӣ.*
*Биҳишт гӯянд дар рӯи замин нест,*
*Сифоти ҳар биҳиштеро ту дорӣ.*

Ман дар ин радиф гумон мекунам, ки Ховалинг ҳама вақт шабеҳи Наврӯз аст, зеро мардуми ба ору номусаш мудом дар пайи ободу хуррам нигоҳ доштани манзилу кӯчаи хеш ва деҳу ноҳияи маҳбуби худ ҳастанд.

***Мусоҳиб Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

## ●Вакилони халқ 1938-2010

# ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ШУКУРОВ**
**Ориф Шукурович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чорбоғ №263, шаҳри Панҷакент***

Соли 1908 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, мудири шӯъбаи Комиҷроияи ноҳия, ректори Институти давлатии омӯзгорӣ ва Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, саркотиби илмии Раёсати АИ Тоҷикистон кор кардааст.

Бо ду ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**СУЛТОНОВ Исмоил**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ёрӣ №264, шаҳри Панҷакент***

Соли 1917 дар ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, котиби Кумитаи комсомолии ноҳияи Қӯрғонтеппа, котиби якуми Кумитаи комсомолии вилояти Қӯрғонтеппа, котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳиявӣ, раиси Комиҷроияи ноҳияи Шаҳритус, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Куйбишев ва Панҷакент кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурх, медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941 - 1945», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**МУҲАММАДИЕВА Мунаввар**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Колхозчиён №265, шаҳри Панҷакент***

Соли 1932 дар деҳаи Оғилаки ноҳияи Панҷакент таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1950 оғоз намуда, ҳамчун узви колхози ба номи Энгелси ноҳияи Панҷакент кор кардааст.



**МУҲАММАДИЕВ Муртазо**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Моғиён №266, шаҳри Панҷакент***

Соли 1928 дар деҳаи Пули гирдоби ноҳияи Панҷакент таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1949 оғоз намуда, ҳамчун маъданкан, болғазан ва коргари Корхонаи механикии экспедитсияи ҷустуҷӯии геологии Моғиёни ноҳияи Панҷакент кор кардааст.



**ГРАБЧЕНКО**
**Алексей Иванович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Рӯдакӣ №267, шаҳри Панҷакент***

Соли 1921 дар вилояти Харков таваллуд шудааст. Миллаташ украин.

Сардори гурӯҳи ҷустуҷӯии геологии Равот, Ҷиҷикрӯд ва Моғиён кор кардааст.

Бо медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**СОБИРОВА Зубайда**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Деҳмой №268, ноҳияи Пролетар***

Соли 1929 дар деҳаи Деҳмойи ноҳияи Пролетар таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Дар вазифаҳои табелчӣ, сардори звено, сардори бригадаи колхоз, раиси колхози Ленини ноҳияи Пролетар кор кардааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ҶУМЪАЕВА Баҳрӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Пролетар №269, ноҳияи Пролетар***

Соли 1928 дар шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои мудири мағоза, котиби дуюм, котиби якуми Кумитаи комсомолии ноҳияи Конибодом кор кардааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**БОҲИРОВ**
**Солиҷон Боҳирович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ӯзбекдеҳа №270, ноҳияи Пролетар***

Соли 1924 дар деҳаи Кӯчкаки ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Дар вазифаҳои муаллим, котиби Кумитаи иҷроияи ноҳиявӣ, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизбӣ, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Пролетар, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод кор кардааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медалҳои «Барои хизматҳои ҷангӣ», «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати шоён», «Барои мудофиаи Москва», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ФАДЕЕВА**
**Анна Василевна**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Янги Деҳа №271, ноҳияи Пролетар***

Соли 1915 дар вилояти Москва таваллуд шудааст. Миллаташ рус.

Дар вазифаҳои инспектори Идораи тоҷикистонии Бонки саноатии СССР, намояндаи Бонки саноатӣ дар ноҳияҳои шимолии ҶШС Тоҷикистон, ҷонишин, сардори идораи Бонки саноатӣ, котиби Кумитаи шаҳрии ҳизбии шаҳри Сталинобод кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# Вазири корҳои дохилӣ дар Бадахшон

**Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенант Рамазон Раҳимов бо мақсади ошноии бештар бо фаъолияти шӯъбаҳои корҳои дохилии шаҳру навоҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вазъи иқтисодию иҷтимоии ин ниҳоди муҳими давлатӣ озими вилоят гардид. Баъди боздид аз шӯъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ва Рӯшон дар толори Раёсати корҳои дохилии вилоят бо баргузории як ҷаласаи васеъ мулоқоту сӯҳбати худро бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ идома дод.**

- Ҳадафи ман аз ин сафар, -изҳор дошт Рамазон Раҳимов, -аз наздик шинос шудан бо фаъолияти ҳаррӯзаи шумо, ҳалли мушкилоте, ки барои фаъолияти мӯътадилатон халал эҷод мекунанд, мебошад. Ҳамзамон бо истифода аз ин мулоқот мехоҳам, шуморо бо он дигаргуниҳое, ки дар чанд ҳафтаи охир, бахусус дар масъалаи ислоҳоти кадрӣ, таъинот ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар вазорат ба вуқӯъ омаданд, огоҳ намоям.

Мавсуф аз таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар чорабиниҳои муҳими сатҳи ҷумҳурӣ бо ширкати бевоситаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, изҳори қаноатмандӣ кард ва таъкид дошт, ки дар муқоиса бо дигар манотиқи кишвар, дар ВМКБ сатҳи ҷинояткорӣ паст аст, аммо ба форiғболӣ набояд роҳ дод. Пайваста барои баланд бардоштани сатҳи донишу маҳорат бояд талош кард. Роҳбарияти вазорат омодааст барои такмили дониш кормандонро ба давраҳои омӯзишӣ чӣ дар дохили кишвар, чӣ берун аз он ҷалб намояд. Ҳамчунин барои варзишгарон низ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, то дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат намуда, шарафи варзишии кишварамонро ҳифз намоянд.

Ба қавли Рамазон Раҳимов нахустин коре, ки ба сифати вазир анҷом дод, ин поксозии сафҳои милитсия аз шахсони тасодуфӣ ва дасту дилашон нопок мебошад. Аз расонаҳои хабарӣ медонед, ки дар чанд ҳафтаи охир даҳҳо нафар аз кормандони ҳифзи ҳуқуқ бо ҷурми даст доштан дар фасоду тамаъҷӯӣ аз вазифа озод ва иддае аз онҳо ҳатто ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд.

Дар робита ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» вазир изҳор дошт, ки вақтҳои охир дар ҷумҳурӣ фарзандони кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони воломақом то бевақтии шаб дар кӯча ва марказҳои фароғатӣ вақти худро сипарӣ мекунанд, ки ин амали онҳо оқибат ба ҳодисаҳои нохуш оварда мерасонад. Рамазон Раҳимов аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ даъват кард, ки дар мадди аввал ба таълиму тарбияи фарзандони худ диққати ҷиддӣ диҳанд.

Бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пешгирии ҷиноят ва сари вақт дастрасӣ пайдо кардан ба таклифу пешниҳодҳои шаҳрвандон дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон телефони боварӣ ташкил шудааст. Рақами ин телефон 221-21-21 буда, он шабонарӯз фаъол аст.

Дар ҷаласа масъалаи таъин ва ҷойивазкунии кадрҳо низ баррасӣ шуд. Бо сабаби ба кори дигар гузаштан сардорони шӯъбаҳои корҳои дохилии навоҳии Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа, Мурғоб ва Ишкошим аз вазифа озод шуданд ва ба ҷойи онҳо кадрҳои нав таъин гардиданд. Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадрҳои навтаъиншуда дастур дод, ки иртиботи худро бо мардум таҳким бахшанд ва зертобеони худро дар рӯҳияи ватандӯстию ватандорӣ ва аз ҳама муҳим ростқавлию хоксорӣ тарбия намоянд.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

# Таъмини газ беҳ гардид

## пардохти ҳаққи он бошад, ташвишовар аст

Вазъи таъмини гази табиӣ тӯли чорпанҷ соли охир дар шаҳри Кӯлоб ҳоли ташвишовар дошт. Сабаби аввал бо иллати техникӣ фаъолияташро қатъ намудани кони гази «Хоҷасартез» ва баъдан кам гаштани интиқоли газ аз кони Бештентаки Балҷувон буд. Ин ҳол сабаби зуд-зуд иваз гардидани роҳбарияти Корхонаи фаръии байниноҳиявии «Кӯлобгаз» мегардид. Бар замми мушкилоти техникӣ, истифодабарандагон бо ҳар баҳона аз пардохти ҳаққи гази истифодабурда сарпечӣ карда, вазъи молиявии корхонаро беш аз пеш душвортар мегардониданд.



Ниҳоят баъди ба корхона сарвар таъин гардидани Муҳаммад Иброҳимов фаъолияти он то дараҷае беҳбудӣ ёфт. Сарфи назар аз мушкилоти молӣ, роҳбарони нави корхона дар навбати аввал қарор доданд, ки ҳаҷми интиқоли газро аз кони «Бештентак» афзоиш диҳанд. Бе ин амал вазъи бо газ таъмин намудани аҳолии шаҳр ва ҷамъоварии ҳаққи гази солҳои қаблӣ истифодашуда аз имкон дур буд. Барои анҷом додани ин амал лозим омад, ки 32 километр қубури газгузари Балҷувон-Кӯлоб, ки солҳо аз таъмиру назари мутахассисон дур монда буд, хушсифат таъмиру кафшер карда шавад. То ин дам тавассути садҳо сӯроххои дар қубур пайдошуда газ беҳуда ба ҳаво хориҷ мешуд.Пас аз анҷоми таъмири қубурҳо, якбора ҳаҷми интиқоли газ аз се то чор баробар афзоиш ёфт. Масалан, то таъмир дар як шабонарӯз ҳамагӣ аз ду то се ҳазор метри кубӣ ба шаҳр газ ворид мегардид, акнун бошад ин рақам аз 16 то 17 ҳазор метри кубиро ташкил менамояд. Воридшавии зиёди ҳаҷми газ имкон дод, ки сокинони он қитъаву маҳаллаҳое, ки чанд сол аз истифодаи газ маҳрум монда буданд, аз нав бо газ таъмин гарданд.

Аз шиносоӣ бо фаъолияти корхона маълум гардид, ки ҳаққи то имрӯз пардохтнашудаи газ аз ҷониби аҳолӣ ва корхонаи хишт 1 миллиону 514 ҳазор сомониро ташкил менамояд. Аз ин ҳисоб 291 ҳазор сомонии он ба корхонаи хишт тааллуқ дорад.

- Агар ин маблағҳо пардохт шавад, мо бисёр мушкилоти корхонаро ҳал намуда, хизматрасонӣ ба истифодабарандагони газро беҳтар хоҳем кард,- мегӯянд масъулони муассиса. - Имрӯз аз газ 3900 хоҷагии шаҳри Кӯлоб истифода мебарад, ки дар сурати сари вақт пардохт гардидани ҳаққи истифодаи газ, боз имкон аст шумораи истифодабарандагон афзоиш ёбад.

- Алҳол дар корхона онҳое кору масъулиятро ба дӯш гирифтаанд, ки аз нигоҳи касбият ба соҳаи газтаъминкунӣ ҳеҷ муносибату робитае надоранд, яъне мутахассиси соҳа нестанд. Мо кӯшиш дорем, то ҳар чӣ зудтар ин мушкилоти кадриро аз ҳисоби онҳое, ки дар корхона замоне мутахассис шуда кор мекарданду онро бо иллати пеш омадани мушкилоти молӣ тарк карда буданд, ҳал намоем,- мегӯяд сарвари Корхонаи фаръии байниноҳиявии «Кӯлобгаз» Муҳаммад Иброҳимов.

- Мардуми мо аҷаб одату амали носавобе доранд,- суханашро гилаомез ва бо ҳасрат идома дода мегӯяд ҳамсӯҳбатам. - Моҳҳову солҳо ҳаққи барқу гази худиро намесупоранду аммо мебинӣ, ки пул дар кафи даст аз саҳар то бегоҳ дар нуқтаи гази моеъфурӯшӣ навбатпойӣ мекунанд. Ман боварӣ дорам, ки касе аз ин истифодабарандагон аз гази моеъи аз берун воридшуда як дирам ҳам қарздор нест. Аммо вақте ки маблағҷамъкунандагони мо дари хонаи онҳоро аз рафтуои зиёд охӯрча мекунанд, пул он тараф истад, ҳатто баъзеашон муносибати дурустро раво намебинанд. Намедонам, кай муштариёни мо аз фарҳанги хизматрасонӣ ва муомилаи хуш баҳравар мешуда бошанд?

Имрӯзҳо масъулони корхона барои дарёфти роҳҳои пардохти ҳаққи гази истифодашуда, тадбиру чорабиниҳои зиёдро мавриди амал қарор дода, ба умеди он ҳастанд, ки ин мушкилот то дараҷае ҳалли худро пайдо мекунаду корхона бештар фаъол мегардад. Масъулони марказии соҳа, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва пеш аз ҳама истифодабарандагони ин сарвати бебаҳоро зарур аст, ки дар ҳалли ин мушкилоти ҳалталаб корхонаи газтаъминкуниро ба таври таъҷилӣ дастгирию мадад расонанд. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки аз назарҳо дур мондани ин соҳаи ҳаётан муҳим, маънои дар оянда муфлис гаштану дар ботлоқи бечорагӣ дармондани ҷомеаро дорад. Магар он давлатҳоеро, ки алҳол дар ихтиёр газу нафти фаровон доранд, диданамон душвор ҳаст, ки чӣ тавр рушду нумӯъ мекунанд ва ё зиндагии сокинонаш дар кадом сатҳ қарор дорад? Имрӯз хуб мебинем, ки мушкилоти гузаронидани зимистони сард, сокинони баъзе навоҳӣ ва ҳатто шаҳракҳоро ба он водор кардааст, ки даст ба зиёну харобкорӣ зада, дарахтонро бурида, барои гармӣ истифода намоянд.

Акнун сарнавишти оянда ва гиромӣ доштани ин мӯъҷизаи воқеан ҳам муҳиму бебаҳои Худодод, яъне газ аз масъулони соҳаву муштариёни он сахт вобастагӣ дорад.

***Ф. ТЕМУРШОҲ, «Садои мардум»***

# «Файзи Мастчоҳ» курткаҳои чармин мебарорад

Бино ба иттилои котиботи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолоти саноати сабук дар вилоят Суғд дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Соли 2011 дар ин вилоят ба миқдори 256,4 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намудаанд, ки 117,4 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар вилоят се корхонаи коркарди нахи пахта: ҶММ «Спитамен Текстайлз» бо иқтидори истеҳсолии коркарди 3500 тонна нахи пахта дар як сол, ҶММ «Нику Хуҷанд» бо иқтидори 2500 тонна коркарди нахи пахта дар як сол бо маҳсулоти ниҳоӣ (Фабрикаи ҷӯроббарории «Наврӯз») ва ҶСП «Олим Текстайлз» бо иқтидори истеҳсолии 6000 тонна коркарди нахи пахта дар як сол ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки дар натиҷа зиёда аз 778 ҷойи нави корӣ муҳайё гардид.

Дар соҳаи коркарди пӯст ва пашм бо пешниҳоди вазорат бо мақсади иҷрои бандҳои дахлдори протоколҳои маҷлиси машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузоштани заминаи ҳуқуқӣ барои коркардкунандагони пӯст ва пашм, ҷалби бештари сармояи хориҷиву дохилӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муваққатан манъ намудани содироти ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм)-и коркарднашуда аз Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2011 таҳти №249 қабул гардид. Ҳамин тариқ, дар миқёси вилояти Суғд ду корхонаи коркарди пӯст- ҶММ «Файзи Мастчоҳ» ва СИ «Абдусатторов Ш.» бо иқтидори умумии 450000 дона коркарди пӯсти чорвои шохдори хурду калон дар як сол ва як корхона бо номи ҶММ «Ростои Суғд» бо иқтидори 700 тонна коркарди пашм дар як сол дар заминаи ҶСК «Қолинҳои Қайроққум» ба фаъолият шурӯъ намуданд. Дар корхонаҳои зикргардида 65 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои нави корӣ ва 60 нафар бо ҷойҳои кории барқароршуда таъмин гаштанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бо тавсияи вазорат ҶММ «Файзи Мастчоҳ» таҷҳизоти муосири технологии ниҳоии коркарди пӯстро ворид намуда, истеҳсоли таҷрибавии курткаҳои чарминро ба роҳ монд.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

**● 23 феврал - Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Пешсафиро аз даст доданӣ нестанд





Полки комендантӣ яке аз қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, соли 1993 ташкил ёфтааст. Ҳайати шахсии ин қисми низомӣ вазифаҳои дар наздашон гузоштаро бо дарки масъулият ва ӯҳдабароёна ба ҷо меоранд. Ин пеш аз ҳама натиҷаи риояи талаботи оинномаи ҳарбӣ ва тартибу интизом мебошад.

-Вазифаҳои дар назди мо гузошташуда хеле муҳиму пурмасъулиятанд,- мегӯяд муовини командири қисми ҳарбӣ оид ба кор бо ҳайати шахсӣ полковник Мустафо Бошиев. Меҳмонони олиқадри дигар давлатҳоро, ки ба ҷумҳурии мо бо сафари расмӣ ташриф меоранд, ротаи қаровули фахрӣ пешвоз мегирад. Ротаи мазкур ба ҳайати комендатураи ҳарбӣ шомил аст.

Дар таркиби қисми ҳарбӣ баталёни алоқа низ ташкил ёфтааст. Маркази таълимие, ки ин ҷо фаъолият дорад, барои тамоми қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиа алоқачиёнро тайёр менамояд. Маркази таълимӣ бо воситаҳои техникӣ, дастурамалу адабиёти зарурӣ таъмин мебошад. Баъди анҷоми курси шашмоҳа наваскарон соҳиби сертификат мешаванд ва дар қисмҳои ҳарбии худ ҳамчун алоқачӣ хизматро идома медиҳанд.

Сарбозон метавонанд ҳамчунин пас аз хизмати ҳарбӣ дар соҳаи алоқа кор намоянд. Яъне, наваскарон баробари адои хизмати ҳарбӣ соҳиби ихтисос низ мегарданд.

Бар ӯҳдаи аскароне, ки дар ротаҳои комендантӣ хизмат менамоянд, инчунин муҳофизати иншоотҳои муҳим вогузор шудааст. Анҷом додани хизмати патрулӣ дар Гарнизони Душанберо низ комендатураи ҳарбӣ ба ҷо меорад.

Сарбозони ротаҳои патрулӣ зимни навбатдорӣ ба хатсайрҳои алоҳида вобаста шуда, низомиҳарбиро назорат менамоянд. Онҳо хизматчиёнеро, ки талаботи оинномавии ҳарбиро вайрон менамоянд, ба гарнизони ҳарбӣ оварда месупоранд.

Шароити хизмат дар қисмҳои низомӣ сол то сол беҳтар шуда истодааст. Инро дар полки комендантӣ низ метавон мушоҳида кард. Синфхона, майдончаҳои тактикӣ, толори варзишӣ, ошхонаю ҳаммом, ки ба тариқи замонавӣ сохтаю муҷаҳҳаз гардонида шудаанд, дар ихтиёри сарбозон қарор доранд.

Ёрдамчии калони сардори ситоди қисми ҳарбии мазкур оид ба қисми сафӣ ва кадрҳо майор Амуриддин Аҳмадов дар сӯҳбат мегӯяд, ки тарбияву интизом, риояи талаботи оинномавӣ ҳамеша таҳти назорати ҳайати фармондеҳии қисми ҳарбӣ қарор дорад. Бо ин мақсад вазифаҳои ҷобаҷогузории кадрҳо, баровардани фармонҳоро нисбат ба ҳайтаи шахсӣ амалӣ месозем, ки дар фаъолияти хизматии худ истифода баранд. Дар чорабиниҳои доирнамудаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматчиёни қисми ҳарбии мо фаъолона иштирок менамоянд. Масалан, чанде қабл озмуни «Суруди сарбоз» доир гашт, ки дар он хизматчиёни қисми ҳарбии мо ҷойи аввалро соҳиб шуданд. Дар бисёр мусобиқаҳои варзишӣ, ки дар толори марказии вазорат аз рӯйи намудҳои гуногун гузаронида мешуданд, иштирок намуда, сазовори медал, кубок ва дигар мукофотҳо гардидаанд.

Дар қисми ҳарбии мо ҷавонон аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ хизмати ҳарбиро ба ҷо меоранд. Чунончӣ, сарбозон Панҷшанбе Чоршанбиев (аз ноҳияи Ишкошим), Аҳмадалӣ Муродов (аз шаҳри Хуҷанд), Тоҳир Раҳмонов (аз шаҳри Кӯлоб), Баҳруллои Нурулло (аз ноҳияи Варзоб) хизматро дар ин қисм идома дода истодаанд.

Сержант Карим Рабиев аз ноҳияи Ванҷ ба хизмат даъват шудааст. Ӯ дастпарвари Донишкадаи давлатии забонҳо буда, мӯҳлати хизматаш дар қисми ҳарбӣ як сол мебошад. Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳро қарзи ҳар шаҳрванд медонад. Робитаи қисми ҳарбӣ бо падару модарони хизматчиён хуб ба роҳ монда шудааст. Дар рӯзҳои муайян падару модарон ба дидорбинии фарзандони худ меоянд. Ба онҳо имкон дода мешавад, ки бо шароити хизмат, зиндагии фарзандонашон аз наздик шинос гарданд, андеша, дархосту пешниҳоди худро дар дафтари арзу шикоятҳо сабт намоянд.

Аз тарзи дуруст ба роҳ мондани робита бо падару модарони хизматчиён, шароиту имконияти мавҷудаи қисми ҳарбӣ шояд он бошад, ки ҷавонон бештар мехоҳанд хизмати ҳарбиро дар полки комендантӣ ба ҷо оранд.

Дар идомаи сӯҳбат полковник Мустафо Бошиев аз оркестри нафасии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар шуд. Он дар ҳайати полки комендантӣ ташкил ёфта, иштирокаш дар ҳама чорабиниҳои муҳим, аз ҷумла тантанаҳои расмӣ назаррас аст. Қаблан оркестр оҳангҳои маъмулии давраи шӯравиро иҷро мекард. Дар давраи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну мундариҷаи оҳангу сурудҳои оркестр низ дигаргун гашт. Ба оркестр асбобҳои мусиқии миллӣ илова шуд. Аз ҷониби оркестри нафасӣ оҳангҳои миллӣ иҷро мешаванд, ки хеле ҷаззобу форам садо медиҳанд. Дар иду тантанаҳо ҳайати дастаи оркестри нафасӣ машқҳои низомиро бо маҳорат ва чусту чолокии хос иҷро мекунад, ки диданию хотирмон аст. Полковник Мустафо Бошиев мегӯяд, ки дар оянда фаъолияти оркестри нафасӣ такмил хоҳад ёфт. Роҳбарияти қисми ҳарбӣ ният дорад, ки тавассути он бештар иҷрои савту навои миллиро ба роҳ монанд. Ин метавонад дар қалби ҳар ҷавон ҳисси миллӣ, ватандӯстию худшиносиро бедор намояд.

Барои нишондиҳандаҳои беҳтарин бо фармони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон полки комендантӣ бо Байрақи сайёри вазорат мукофотонида шуда, ҳайати фармондеҳӣ ва шахсии қисми низомии мо мақсад доранд бо интизому хизмати намунавӣ пешсафиро аз даст надиҳанд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

**ДАР СУРАТҲО: муовини командири қисми ҳарбӣ оид ба кор бо ҳайати шахсӣ полковник Мустафо Бошиев бо хизматчиён сӯҳбат дорад. Машғулияти навбатии гурӯҳи алоқачиён.**

*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*

# АСКАРИ СУРХИ ФАХРӢ

## ё шаммае аз корномаҳои Бобо Содиқов дар таъсиси Артиши тоҷик

Ҳангоми иншои китоби «Истаравшан дар партави Истиқлол», ки соли гузашта ба шарафи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тавассути нашриёти «Бухоро» (шаҳри Душанбе) ба табъ расид, маводҳои бахши бойгонии давлатии вилояти Суғд дар шаҳри Истаравшанро варақ мезадаму чашмам ба санаде афтод. Аз рӯйи он маълум мешавад, ки соли 1924 дар ҳудуди имрӯзаи вилояти Суғд дар ҳайати Бригадаи савораи дуюми тирандозии Туркистон мактаби омодасозии командирони хурд амал мекардааст ва ин муассиса ба яке аз мубориони фаъоли барқарор кардани ҳокимияти Шӯравӣ дар ин қаламрав Бобо Содиқов 6 ноябри соли 1924 таҳти рақами 4179 бо чунин мазмун шаҳодатнома додааст: «Дода шуд аз мактаби тайёр кардани командирони хурди Бригадаи савораи дуюми махсуси тирандозӣ ба Бобо Содиқов-раиси Комиҷроияи волости Басманда, дар он хусус ки ӯ дар ҳақиқат дар хизмати ҳарбии мактаби тайёрӣ қарор дошта, барои содиқона хизмат карданаш ба Ватан ва иштироки фаъолона дар муҳорибаҳои зидди дастаҳои босмачиён ва ҷалб намудани дувоздаҳ нафар босмачиёни волости Басманда ба тарафи Ҳукумати нав соҳиби унвони баланди «Аскари сурхи фахрӣ» шуда, ба гирифта гаштани таппончаи навъи «Наган» бо тирҳояш (рақамаш 17085) сазовор гашт…».

Бино ба маълумоти бойгонӣ Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои коргарон, деҳқонон ва солдатҳои Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан), ки он замон уезди алоҳида будааст, 10 июни соли 1918 дар базаи Гарнизони ҳарбии подшоҳии воқеъ дар Ӯротеппа нахустин дастаи Артиши сурхи тоҷикро дар ин қаламрав ташкил намудааст, ки роҳбарии ҳам Шӯрои Комиҷроия ва ҳам узвияти ин дастаи мазкурро фидоиён ва муборизони русу тоҷик, ба монанди Семён Ножкин, Бобо Содиқов, Зариф Мирзоев, Ҷӯра Асадбоев, Парда Ҷонмуҳаммадов, Шодӣ Раҷабов, Қорисолеҳ Бобоҷонов ва дигарон ба ӯҳда дошта, дар кори афзун намудани сафҳои нахустин фидоиёни Артиши сурхи тоҷик, ташкил ва сафарбар кардани аҳолӣ дар мубориза алайҳи ҳаракати босмачигарӣ хизмати шоиста кардаанд.

Дар шаҳри Истаравшан Сайфулло Маҳкамов зиёда аз 17 сол сарварии Бойгонии давлатии шаҳрро ба ӯҳда дошта, маводҳои онро омӯхта, роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти Бобо Содиқов ва дигар фидоиёни вақт мақолаву рисолаҳои зиёд иншо кардааст.

Бино ба маълумоти номбурда, Бобо Содиқов зодаи деҳаи Файзобод буда, хурд аз падар ятим мондааст. Азобу машаққати зиёдро паси сар карда, ба хотири дарёфти кор ва як бурида нон ба Стансияи роҳи оҳани Ховост рафта, хаткашон мешавад ва оҳиста-оҳиста бо инқилобчиёну фидоиёни рус ошно мегардад.

-«Шояд вохӯрии ӯ бо марди оқилу кордон, болшевики варзидаи пинҳонкори рус, сардори почтаи уезди Ӯротеппа Семён Василевич Ножкин бошад, ки баробари дидани Бобои навхат дар симои ӯ ҷавони қобилу ояндадорро эҳсос намуда буд»,-менависад С.Маҳкамов.

Ба шарофати ин марди шариф Бобои ҷавон бо болшевикону коммунистони уезди Ӯротеппа аз наздик шинос шуда, Инқилоби Октябрро бо мамнуният истиқбол мегирад. Ҳамчун яке аз нахустин фидоиён дар ташкил намудани Шӯрои депутатҳои халқи шаҳр саҳми босазо мегузорад ва ҳамчун раиси Комиҷроияи Шӯрои депутатҳои коргарон, деҳқонон ва солдатҳои волости Басманда дар таҳкими давлат ва ташкили Артиши сурх ва милисаи тоҷик саҳми арзанда мегузорад. Имрӯз ҳам мандати ба ӯ додашуда аз 25 августи соли 1919 дар бахши Бойгонии давлатии вилояти Суғд дар шаҳри Истаравшан маҳфуз мебошад, ки дар он чунин навишта шудааст: «Дода шуд ба рафиқ Бобо Содиқов дар асоси қарори ташкилоти ҳизбии Ӯротеппа аз 22 августи соли 1919 таҳти рақами 31 дар он хусус, ки ӯ вазифадор шудааст аз ҳисоби ихтиёриёни мусулмон ба Артиши сурх сарбоз қабул намояд».

Дар мубориза алайҳи босмачиён ва дигар душманони давлати Тоҷикистон дар қаламрави Истаравшан он солҳо дар ҳайати нахустин дастаҳои Артиши сурхи тоҷик фаъолони зиёде, ки аз ҳисоби ихтиёриёни таҳҷоӣ, аз қабили Мӯъминҷон Иброҳимов, Худойназар Олимбеков, Мирзо Зарифов, Олим Почоев, Рауф Алибоев, Ҳабибулло Неъматуллоев, Салим-партизан Ортиқов, Ориф Сафаров, занони таҳҷоӣ Зӯҳро Фозилова, Қумрӣ Бобоҷонова ва Адолат Устобоева корномаҳои зиёд нишон дода, дар таҳкиму барқарорсозии давлати ҷавони Тоҷикистон хизмати шоиста кардаанд.

-Аҷиб он аст, ки дар мубориза барои сохтмони ҳаёти нав он солҳо на танҳо коммунистону комсомолони русу тоҷик, балки болшевикони румин низ дар Ӯротеппа ва умуман Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат кардаанд,-мегӯяд бойгонишинос ва рӯзноманигор С.Маҳкамов ва санадеро мисол меорад, ки дар бойгонии давлатии шаҳр маҳфуз мебошад: «Комиҷроияи уезди Ӯротеппа аз ҳамаи ташкилотҳои дар қаламраваш мавҷуда хоҳиш менамояд, ки ба занҳои дар ҷангҳои Истиқлоли Тоҷикистон ҳалокгаштаи фидоиёни румин мувофиқи шаҳодатномаҳои дар дастдошта кӯмаки моддӣ расонанд.

Ҷонишини раиси Комиҷроия Л.Е.Патин, Котиби Комиҷроия А.Юлдошев».

«Аскари сурхи фахрӣ» Бобо Содиқов бошад, солҳои 1920-1922 дар уезди Ӯротеппа барои муҳофизати музаффариятҳои давлати нав бо роҳи ташкил намудани нахустин дастаи савораи милитсияи тоҷик якҷо бо Артиши сурх барои барҳам додани дастаҳои босмачиёни Холбӯтта, Саидмурод Қӯрбошӣ, Охунди Мастчоҳӣ, Саид Акрам, Турдиалӣ дар деҳоти Овчӣ, Угук, Басманда, Янгиариқи Боло, Кӯчкина ва Кӯҳистони Мастчоҳ то соли 1931 муборизаи беамон бурда, барои хизматҳояш бо мукофотҳои зиёд, аз қабили «Соати нуқрагини №787053», «Ифтихорномаи ҳукуматӣ ва револвери «Браунинг» бо навиштаҷоти «Барои иштироки фаъол дар мубориза ва тамоман барҳам додани босмачигарӣ дар уезди Истаравшан» шарафёб гардидааст.

Ҳарчанд Бобо Содиқов минбаъд дар сафи милитсияи тоҷик дар вазифаҳои гуногун кор карда, аз милисаи қаторӣ то ба дараҷаи сардори шӯъбаи милитсияи шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Ӯротеппа, Регар (ҳоло Турсунзода), Сталинобод (ҳоло Душанбе), Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) ва муовини сардори Раёсати милитсияи вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) расид, аксари мардум ӯро ҳамчун яке аз поягузорони нахустини дастаҳои аввалини Артиши сурхи тоҷик меҳисобанд. Номи ин қаҳрамонмарди тоҷик, ки соли 2013-ум 110- сола мешавад, ҳамчун нахустин «Аскари сурхи фахрӣ»-и Тоҷикистон боқӣ мемонад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***




### Вуруди кӯмак муназзам аст

**ДУШАНБЕ. (Д. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Тибқи иттилои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи январи соли ҷорӣ ба кишварамон ба маблағи панҷ миллион доллари амрикоӣ кӯмаки башардӯстона ворид шудааст. Маводи дар доираи ин кӯмакҳо виридгашта аз 2300 тонна орд, чор тонна равғани растанӣ, доруворӣ ба маблағи 3,1 миллион доллари амрикоӣ ва ғайра иборат аст.

### Бунёди корхонаи коркарди нафт

**ҚУМСАНГИР.( Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» марҳилаи омодагӣ барои аз қайди давлатӣ гузаштани Корхонаи коркарди махсулоти нафтӣ идома дорад. Муаллифи лоиҳаи бунёди корхонаи мазкур Ширкати «Нанкин Чонтай»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой аст. Барои татбиқи ин лоиҳа беш аз 7 миллион доллари амрикоӣ ҷудо гардидааст.

Маводи хоми нафт барои ин корхона дар кони Қизилтумшуки ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ истихроҷ мегардад. Ҳамчунин оянда воридоти ашёи хоми нафтӣ аз Ҷумҳурии Исломии Эрон низ дар назар аст.

### Корхонаҳо сохта шуданд

**ВАНҶ. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Тӯли солиёни зиёд дар ноҳияи Ванҷ танҳо комбинати хизмати маишӣ амал мекарду халос. Солҳои ҳаштодуми асри гузашта корхонаи истеҳсоли санги мармар бо номи «Хрустал» ба фаъолият оғоз кард. Сипас коргоҳи асфалттайёркунӣ дар дашти Сурхсангов сохта шуд. Соли гузашта дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон корхонаи хиштбарорӣ дар мавзеи Лугади деҳоти Водхуд ба кор шурӯъ намуд. Ҳоло дар назар аст, ки дар наздикии шаҳраки Ваҳдат корхонаи сементбарорӣ бунёд мегардад.

Ҳамчунин дар даврони истиқлолият дар ноҳия ҳашт сехи дӯзандагӣ, чор коргоҳи оҳангарӣ ва се корхонаи табақу қошуқтарошӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонад.

### Таъсиси Парки технологӣ

**КӮЛОБ. (Д. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар филиали шаҳри Кӯлоби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Парки технологӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Парки мазкур бо таҷҳизоти наву замонавӣ муҷаҳҳаз гардида, дар он донишҷӯён метавонанд донишҳои омӯхтаашонро бо пешниҳоди маҳсулот дар амал татбиқ намоянд. Масалан, дар ин ҷо донишҷӯён ҳунарҳои заргарӣ, нассоҷӣ, қаннодӣ ва ғайраро меомӯзанд.

Дар оянда ба бозор баровардани маҳсулоти истеҳсолгардида ба нақша гирифта шудааст.

### Дуюмин бунгоҳи байторӣ ба истифода дода шуд

**ТЕМУРМАЛИК. (Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»)** Дар деҳаи Танобчии болои ноҳияи Темурмалик бунгоҳи замонавии байторӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Бунгоҳи мазкур бо ибтикори байтори собиқадор Қурбоналӣ Пирумқулов таъсис ёфтааст ва чорводорон метавонанд аз он номгӯйи васеи дорувории барои табобату пешгирии бемориҳои чорво пешбинигардидаро дастрас намоянд.

Ёдовар мешавем, ки ин дуюмин бунгоҳи байторӣ дар ноҳияи зикршуда ва чорумин дар минтақаи Кӯлоб мебошад.

### Шакли нави хизматрасонӣ

**НОРАК. (Ҳ. МИРЗОЕВ)** Дар шаҳри Норак ба шакли нави пардохти нафақа оғоз карданд. Аз ин баъд хизматгузорӣ ба нафақагирон тавассути кортҳои бонкӣ роҳандозӣ мешавад.

Ҳоло шумораҳои дорандагони кортҳои бонкӣ ба 3 ҳазору 332 нафар расидааст. Вобаста ба шакли нави хизматгузорӣ дар корхонаҳои буҷетии шаҳр корҳои таблиғотиву фаҳмондадиҳӣ идома дорад.

Пешбинӣ шудааст, ки соли ҷорӣ 370 нафар кормандони корхонаҳои буҷетии шаҳр ба ин шакли пардохти музди меҳнат мегузаранд.

### Ташаббуси занони фархорӣ

**ФАРХОР. (М. НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»)** - Қариб ҳафтсад нафар занону духтарони фархорӣ, ки дар ташкилоту муассисаҳои давлатии ноҳия фаъолият менамоянд, ба ҳашари тозаю озода сохтани кӯчаву хиёбонҳои маркази ноҳия баромаданд. Онҳо тасмим гирифтаанд, ки то фарорасии Иди байналмилалии Наврӯз ҳар ҳафта рӯзҳои шанберо ба ин кори хайр мебахшанд, – иброз дошт муовини раиси ноҳия Р. Мирзоева.

Бонувони ташаббускор аз занону духтарони хонашин ва дар бахшҳои хусусӣ фаъолияткунанда низ даъват ба амал оварданд, ки иқдоми онҳоро дастгирӣ намоянд.

### Маркази савдои «Ориён» дар Бунай

**ВАНҶ. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ «Садои мардум»).** Бо ташаббуси собиқадори меҳнат, марди ташаббускор Ширинҷон Дамдоров, ки солҳои зиёд дар вазифаҳои роҳбарӣ кор кардааст, дар маркази деҳоти Ҷовидон маркази савдои дуошёна сохта ба истифода дода шуд.

Ин имкон дод, ки сокинони деҳаҳои Бунай, Потов, Рав ва Ҷангали Зуго, инчунин деҳаҳои дигар деҳот молу маводи дилхоҳашонро аз ин нуқтаи хизматрасонӣ бо нархи арзон харидорӣ намоянд. Раиси Ҷамоати деҳоти Ҷовидон ба мо иттилоъ дод, ки амали шоистаи Ширинҷон Дамдоровро пайгирӣ карда, дигар соҳибкорон низ то ҷашни 15-солагии Ваҳдати миллӣ нуқтаҳои нави хизматрасониро бунёд мекунанд.

### Ғолибони озмуни «Ватанпарвар» муайян мегарданд

**ВАҲДАТ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** - Дар доираи озмуни умумиҷумҳуриявии «Ватанпарвар», ки ба ифтихори Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, дар маркази шаҳри Ваҳдат ва шаҳраку деҳот чорабиниҳои хотирмон доир гардиданд. Аз ҷумла дар маҳфиле, ки дар Ҷамоати деҳоти Симиганҷ баргузор шуд, натиҷаҳои озмун ҷамъбаст гардид ва ба 100 нафар афсарон ва 80 нафар аскарон тӯҳфаҳои хотиравӣ супурда шуд. Дар ин хусус аз Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат хабар дода, зикр карданд, ки ҷамъбасти умумии озмун рӯзи 23 феврал доир мегардад.

### Ғамхорӣ ба омӯзгорон

**ШАҲРИСТОН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** -Бо ташаббусу дастгирии раиси ноҳияи Шаҳристон Наим Муқимов 12 нафар омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ дар давраи таътили зимистона дар осоишгоҳи «Ӯротеппа»- и шаҳри Истаравшан истироҳат карда, саломатии худро барқарор намуданд,- гуфт дар сӯҳбат мудири шӯъбаи маорифи ноҳия Ваҳҳоб Зоҳиров.

Мавсуф афзуд, ки чунин тадбирҳо дар оянда бештар роҳандозӣ мегарданд, то ки заҳмати ашхоси шоиста дар соҳаи таълиму тарбия аз мадди назар дур намонад.

*Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

# ДАР ИҶРОИ ВАЗИФА ТИБҚИ ТАЛАБОТИ ҚОНУН ВА АЗ РӮЙИ ВИҶДОН АМАЛ ХОҲЕМ КАРД

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (20 апрели соли 2011) омадааст: «Иштироки занони кишвар дар корҳои давлатдорӣ, идораи соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт назаррас буда, 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ ё 6 ҳазор нафар аз ҳисоби занон мебошанд... Тайи солҳои 1997-2010 бошад, тибқи квотаи Президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар зиёда аз даҳ ҳазор ҷавонон ба таҳсил фаро гирифта шуданд, ки аз ин теъдод 7500 нафарашон духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон мебошанд».

Мо - занону духтарони ҷавони имрӯзаро ин ғамхориҳои Сарвари давлат вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстӣ, инчунин дуруст ба роҳ мондани тарбияи насли наврас саъю кӯшиш намоем. Дар ин ҷода қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аҳамияти хосаро молик мебошад ва аз ғамхории Сарвари давлат нисбат ба тарбияи насли оянда дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва ба ҷо овардани иззату эҳтироми калонсолон дарак медиҳад.

Имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёт занон иштироки фаъолона доранд ва дар рушди ҷомеа нақши муассир мегузоранд. Тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ як шохаи ҳокимияти давлатӣ эътироф шудааст. Ҳокимияти судӣ мустақил буда, адолати судӣ тибқи тартиби муқарраркардаи қонунҳои амалкунанда татбиқ мегардад.

Тибқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010 Барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013 таҳия ва тасдиқ гардид. Дар он вобаста ба такмили минбаъдаи сохтори судӣ, таҳкими мустақилият ва масъулияти судҳо, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии онҳо, рушди қонунгузории соҳа ва дигар самтҳои фаъолияти мақомоти судӣ андешидани тадбирҳои мушаххас пешбинӣ шудааст.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июни соли 2011 таҳти №1082 мо -55 нафар коромӯз – судяҳоро бо пешниҳоди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи серталабу пурмасъулият, яъне судя бори аввал таъин намуданд, ки аз ин шумора 13 нафарашро занону духтарони ҷавон ташкил медиҳад.

Мо кӯшиш менамоем, ки ба боварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таври сазовор, бо меҳнати софдилона ҷавоб гуфта, вазифаи пуршарафу пурмасъулияти худро содиқона ва аз рӯйи виҷдон ба ҷо орем. Адолати судиро танҳо мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунанда бо амри виҷдон, холисона ва одилона ба амал барорем.

***Зумратбӣ БАРОТОВА, судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон***

**● Мизи мудаввар**

# Кӯдакон ва зуҳуроти номатлуби ҷалби эшон ба меҳнат



Дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон мизи мудаввар доир гардид. Ба ин чорабинӣ мутахассисон, рӯзноманигорон ва коршиносон даъват шуданд. Мавзӯйи мизи мудаввар ба корҳои гуногун ҷалб намудани бачагон ва ба ин васила аз таҳсил дур мондани эшонро дар бар гирифт.

- Имрӯз бо сабабҳои гуногун меҳнати кӯдакон дар истеҳсолот бисёр истифода мешавад, - дар оғози мизи мудаввар гуфт сарвари Иттиҳодияи корфармоёни ҷумҳурӣ Азизбек Шарифов. – Сабабҳои асосии истифодаи меҳнати бачаҳо пеш аз ҳама даромади пасти оилаҳо, камбизоатӣ, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани волидайн ва ба таҳсил дастрасии лозима надоштан маҳсуб меёбад. Ба меҳнат, бахусус шаклҳои номатлуби он, ҳар чӣ бештар ҷалб намудани бачаҳо боис мегардад, ки онҳо ҷисман дуруст инкишоф наёфта, бояду шояд фарогири таҳсил нашаванд. Наздики 70 фоизи аҳолии кишварамон асосан дар деҳот зист дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки хусусан мавсими парваришу нигоҳубин ва ғунучину ҷамъоварии ҳосили пахта бачаҳо бештар ба корҳои соҳаи кишоварзӣ фаро гирифта мешаванд.

Соли гузашта дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияи Рӯдакӣ бо як қатор роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ вохӯрда, сӯҳбатҳо гузарондем. Ба эшон фаҳмондем, ки истифодаи меҳнати кӯдак дар истеҳсолот ба инкишофи онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамчунин ин амали номатлуб ба рушди имкониятҳои инсонӣ, пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири ногувор расонида метавонад.

Масъули Барномаи ҳифзи кӯдаки Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Салоҳиддин Шамсиддинов дар ин бора андешаҳои хешро чунин баён кард:

- Кӯдак пеш аз ҳама бояд ба таҳсил фаро гирифта шавад. Дар баробари ин ба хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ дастрасӣ дошта бошад. Тавре ки дар ин ҷо чанд нафар зикр карданд ва таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳад, меҳнати кӯдак, истисмори ӯ бармало ба назар мерасад. Бахри пешгирии ин зуҳурот ва солиму бардам ба воя расидани насли наврас саъйи дастаҷамъонаи волидону мактаб, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лозим аст.

Инчунин як қатор иштирокчиёни мизи мудаввар сухан гуфта, назари хешро ба ин масъалаи басо муҳим ва ислоҳи он баён намуданд.

***Т. ДАВЛАТ, «Садои мардум»***

# Ману духтарамро «Маска» ва «Консентрат» ҳусни иловагӣ бахшид

Ман аз хурдӣ ба ҳар гуна рекламаҳо бовар карда, кӯшиш менамудам, ки барои нигоҳ доштани ҳусну ҷавониам аз чизҳои беҳтарин истифода намоям. Вале баъзан аз карда пушаймон мегаштам ё ҳис мекардам, ки кӯшишҳоям беҳудаанд. Бахусус аз истифодаи шампун ва воситаҳои пешгирии рехтани мӯй ва қувватбахшандаи решаи мӯй бисёр хаста шудаам, зеро чанд сол қабл рехтани мӯйҳоям сар шуду ягон воситае пеши роҳи онро гирифта наметавонист. Қасд кардагӣ барин, мӯйи духтари 15-солаам ҳам мерехтагӣ шуд. Сабӯсак ва хориш пайдо кард. Модару духтар қариб ҳамаи воситаҳоро истифода бурдем, вале нафъе набуд. Духтарам вақтҳои охир аз калшавӣ тарсида мегиристу худам шарм мекардам, ки дар назди ҳамкорон кулоҳамро аз сар бигирам, зеро либосҳоям пур аз мӯйҳои рехта мешуд.




Рӯзе духтарам рӯзнома дар даст ба хона даромаду гуфт: -Оча! Боз як давои дигар баромадааст. Як маротиба намесанҷем?

Ӯ малҳам барои мӯй –«Маска» ва шампуни «Консентрат»-ро дар назар доштааст, ки дар таркибашон ҷавҳари решаи мушхор дошта, онҳоро якҷоя истифода бурдан лозим будааст.




Таваккал гуфтему «Маска» ва «Консентрат»-ро харида, ҳар ду аввал малҳамро ба решаи мӯйҳо молидем, 4-5 дақиқа нигоҳ доштем, ки таъсираш бештар бошад ва сипас бо шампун онро шустем.

Аллакай пас аз истифодаи аввал духтарам гуфт, ки хориши сараш кам шудааст. Дафъаи дуюму сеюм камшавии сабӯсаки сарашро ҳам бо хурсандӣ хабар дод. Ман ҳам ба мӯйҳоям эътибор дода, дигаргуниро эҳсос намудам. Ҳоло бошад, боварӣ дорам, ки беҳтар аз «Маска» ва «Консентрат» барои мӯйҳо давое нест. Ҳама атрофиён ҳам ҳис кардаанд, ки мӯйҳои мо намуди дигар гирифта, ба ҳуснамон ҳусн зам намудааст. Мо минбаъд танҳо аз «Маска» ва «Консентрат» истифода хоҳем бурд.

***ДИЛРАБО, корманди соҳаи умури дохилӣ***

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед. Навъи барориш: 150 мл - дар тубик.**
**Истеҳсолкунандааш – Федератсияи Россия.**
**Телефон дар пойтахт: 918-47-93-93.**
**Телефон дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: 985-33-33-17.**

# Уролизин (ғурӯшаҳо) қуму намакҳоро резонд




Беш аз даҳ сол буд, ки аз дарди гурда азоб мекашидам. Ҳар дафъа доруву давои навро истифода мебурдам. Дар тибби мардумӣ ягон доруву давое намондааст, ки ман дар борааш маълумот надошта бошам. Бисёр чизҳоеро, ки дастрас намудам, санҷидам. Баъзан ҳолам муддате беҳ мегашт, вале дард боз пайдо мешуд. Сабабаш - дар гурдаам намак ҷамъ гардида, қум ҳам пайдо шуда буд. Пизишкон чанд маротиба маро ҷарроҳӣ карданӣ буданд, вале ман розӣ намешудам. Кори дуруст ҳам кардам.

Тирамоҳ боз дард авҷ гирифту ҳамсояам барои табобат давои наверо тавсия намуд. Он ғурӯшаҳои «Уролизин» буд. Ин дору бо усули нави умумиҷаҳонӣ тайёр шуда, ба ҳама гуна бемориҳои гурдаву пешобдон таъсирбахш будааст. Маслиҳати ҳамсоям маро аз дард раҳоӣ бахшид.

Тӯли як моҳ ман худро бо ин даво табобат кардам. Рӯзе се маротиба як қошуқча аз он истеъмол менамудам. Беҳуда ин доруро ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил накарда будаанд. Баъди табобат ман худро тамоман дигар хел эҳсос кардам. Вале ба эҳсосоти хеш бовар накарда, ба муоинаи духтури шиносам рафтам. Духтур ҳам баъди муоина ба ҳайрат афтод. Қуму намак хеле кам шудааст. Духтур таъкид намуд, ки табобатро бо ғурӯшаҳои «Уролизин» идома диҳам. Ҳоло ман манфиатҳои дигари ин даворо низ ҳис кардаам. Варами дасту пойҳоям низ бартараф гардид. Ба дигарон низ тавсия медиҳам, ки агар сангҳояшон калон набошанд, бе ягон тарсу ҳарос аз «Уролизин» истифода баранд. Танҳо барои гирифторони бемории қанд истеъмоли «Уролизин» -ғурӯшаҳо манъ карда шудааст.

***Ҷ.ҚУРБОНЗОДА, сокини пойтахт***

**Истеҳсолкунандааш –Федератсияи Россия. Рақами қайд -№001558. Маҳсулот дорои сертификат буда, доруи эҳсосӣ аст. Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**
**Телефон дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: 985-33-33-17.**




# Обуна ба

## «АХБОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2012 ДАВОМ ДОРАД

«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад.

«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст:

- дар фасли I қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар фасли II шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ;
- дар фасли III қарорҳои шӯроҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд.

Нархи обунаи солонаи маҷалла, бе назардошти хизматрасонии КВД «Почтаи Тоҷик», 144 сомониро ташкил мекунад.

# ЭЪЛОН

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе баҳри дастгирии соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароит дар иштироки субъектҳои соҳибкорӣ ба татбиқи барномаҳои сохтмонии шаҳрдорӣ, ки бо ин васила барои нуқтаҳои савдои бунёдшаванда ҳуқуқи соҳибмулкӣ пайдо менамоянд, аз 15 то 25 феврали соли 2012 лоиҳаи сохтмони иншооти гузаргоҳи зеризаминии пиёдагардон дар кӯчаи Н.Қарабоев, назди бозори «Саховат»-ро барои сохтмони инфиродӣ ё худ дастаҷамъона ба озмун мегузорад.

**Иншоот дорои чунин нишондиҳандаҳои лоиҳавӣ мебошад:**

- масоҳати умумӣ 2266 м $^2$
- дарозии нақбӣ 60,7 м;
- паҳнӣ -12,80 м;
- баландӣ 3 м;
- миқдори зинапояҳо -10 адад;
- миқдори нуқтаҳои савдо -25 адад;
- нуқтаи нозири минтақавӣ -1 адад;
- нуқтаи хизматрасониҳои муҳандисӣ -2 адад.

Маблағи умумии сохтмони иншоот тибқи харҷномаи лоиҳа - 20175,73 ҳазор сомонӣ. Мӯҳлати сохтмон -10 моҳ.

Лоиҳакаши иншоот: КВД «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашию кофтуковӣ»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фармоишгар: Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе».

Довталабон метавонанд дархостномаҳоро то 25 феврали соли 2012 барои иштирок дар сохтмон ба суроғаи Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе», кӯчаи Н. Қарабоев 24 ё тавассути почтаи электронии dushanbe80@yahoo.com ирсол доранд. Телефонҳо барои маълумот: **221-14-45, 221-11-35.**

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 427/1-187 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Бензин | сомонӣ | 100000 | 12.03.2012 9:00 |
| 428/1-188 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | А.Садуллоев 227-66-60 | Трансформатори 1000/10 | адад | 1 | 29.02.2012 13:00 |
| 429/2-168 | Ташкилоти ҷамъиятии Кумитаи волидайн,омӯзгорон ва хонандагон | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Компютер бо тамоми таҷҳизоташ<br>Курсии роҳбар<br>Мизи компютер | маҷмӯъ<br>адад<br>адад | 10<br>5<br>2 | 29.02.2012 9:00 |
| 430/2-169 | Мактаби таҳсилоти умумии №1, ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Ҷевони китобмонӣ, курсӣ, мизи компютерӣ | номгӯй | 6 | 29.02.2012 9:30 |
| 431/2-170 | Шӯъбаи маорифи н. Сомонӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Ҷевони либосмонӣ<br>Кати дуқабата | дона<br>дона | 28<br>10 | 29.03.2012 9:20 |
| 432/2-171 | Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии беморони сил «Шифо» | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрокворӣ | номгӯй | 30 | 29.02.2012 10:00 |
| 433/2-172 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Рӯдакӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Сӯзишвории дизелӣ Л-62 | литр | 8000 | 29.02.2012 10:45 |
| 434/3-50 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири системаи обёрӣ ва корезии бинои асосии кӯдакистони №9 | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.02.2012 9:00 |
| 435/3-51 | Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кохи «Истиқлол» | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмир ва барқарор намудани гармхонаҳо | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.02.2012 10:30 |
| 436/3-52 | Боғи миллии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири роҳҳои байни қитъаҳо | тибқи санади корношоямӣ | | 12.03.2012 9:00 |
| 437/3-53 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №29, ш.Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷорӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.02.2012 10:45 |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 14 | 12.03.2012 соати 10:00 |
| | | Таҷҳизоти компютерӣ | маҷмӯъ | 16 | |
| 2 | РХМК ва С | Иҷрои корҳои истеҳсоли маҳсулоти таблиғотӣ дар шаҳри Ваҳдат | тибқи санади нуқсонӣ | | 12.03.2012 соати 10:30 |
| 3 | МТМУ №139, шаҳри Ваҳдат | Бомпӯш кардани бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 12.03.2012 соати 11:00 |
| 4 | Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ваҳдат | Маводи хоҷагидорӣ ва техникӣ | номгӯй | 35 | 12.03.2012 соати 11:30 |
| 5 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Доруворӣ | номгӯй | 29 | 12.03.2012 соати 12:00 |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқаррargардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Даъватномаи (ДИО) №362/1-147 ва (ДИО) № 364/1-149 дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти №18 (2845) аз 13 феврали соли 2012 нашр гардида буд, рӯзи баргузории озмун соати 13:30 санаи 24 феврали соли 2012 хонда шавад.

# Эълон

ҶДММ хизматрасонии нақлиётии «Фирӯз», бо РЯМ 0710001490, фонди оинномавиашро ба маблағи 1280721 сомонӣ зиёд мекунад.

Ҳоло фонди оинномавии ҶДММ хизматрасонии нақлиётии «Фирӯз» 1432378 сомониро ташкил мекунад.

# Эълон

ҶДММ «Вароруд», бо РЯМ 0710007100, фонди оинномавиашро ба маблағи 1498000 сомонӣ кам мекунад. Ҳоло фонди оинномавии ҶДММ «Вароруд» 2000 сомониро ташкил медиҳад.

# Эътибор надорад

Номаи камоли силсилаи Т-ШТУ, №0087137-и гумшуда, ки онро МТМУ №1, шаҳри Турсунзода соли 1995 ба Назирова Марҳабо Яҳёевна додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи донишҷӯйии силсилаи ГО, №7271-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2007 ба Каримов Хуршед додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи донишҷӯйии №861-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2009 ба Саидов Фирузҷон Саидҷалолович додааст, эътобор надорад.

***

Патенти №0046891-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 23 феврали соли 2010 ба Ҳикматова Лутфия Ишматовна додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи №014983-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии металлургии ш.Турсунзода соли 1998 ба Қодиров Маҳмуд Роупович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0730028448-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 16 июни соли 2010 ба Раҳимов Муродулло Наимҷонович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0730024598-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 27 майи соли 2010 ба Холов Илҳомиддин Ибрагимович додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ таҳти рақами 9Д-2002-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии №1 шаҳри Душанбе 13 июли соли 1992 бо суроғаи кӯчаи Аэропорт, бинои 13, хуҷраи 59 ба Стуров Виктор Васильевич додааст эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №АО 7292-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2007 ба Бобоев Шамсиддин Негматуллоевич додааст, эътибор надорад.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 20 феврали соли 2012, соати 17.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26715 нусха

Навбатдори шумора Неккадамов Тилло

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова